# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ)

Масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ имрӯз хеле мубрам арзёбӣ мешавад, зеро бидуни ин сифати шахсӣ умуман, ягон хел тарбияи маънавии шахс имконнопазир аст. Шахсият бошад, ин инсонест, ки дар оғӯши таъриху фарҳанги халқи худ рушд мекунад. Инсони орӣ аз сифати шаҳрвандӣ ин инсони берун аз таърих ва хорич аз олами маънавӣ аст, яъне инсони маҳрум аз муҳимтарин сифатҳои инсонӣ аст. Пас, бидуни тарбияи шаҳрвандӣ наметавон, инсони комилро тарбия кард.

Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи ҳифзи гиромидошти мероси ниёгон, омӯзишу тачрибаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, зебоипарастии насли наврасу чавонон тавaччуҳи хоса зоҳир намуда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз чумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ”барои омӯзишу тачрибаи мероси ниёгон, ҳифзи барқарорнамоии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва худшиносию худогоҳии ҷомеа мусоидат карданд.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондани тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллифи рисола оид ба имкониятҳои зиёди таъсири тарбиявӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон телевизон, рӯзномаю мачаллаҳо,адабиёт, интернет, дарҳои устоди коромӯз (мастер-класс), анъанаҳою расму ойини миллӣ доранд, андешаҳои хешро баён намудааст.

Ҳамзамон дар байни усулҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути методҳои худомӯзӣ асосӣ ба шумор рафтани усули кори инфиродӣ, иштирок дар олимпиадаҳо ва озмунҳо аз фосилаи дур,

технологияи фаъолият аз рӯйи лоиҳа ва корҳои мустақилонаро қайд намудааст.

Дар боби якум - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» - ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст. Дар ин боб масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути воситаҳои худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз аҳамияти фавқулоддаро касб кардааст. Бинобар ин, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар бисёр кишварҳои дигар зарурати таҳияи барномаи чорабиниҳо доир ба тарбияи шаҳрвандӣ ба миён омадааст.

Роҳи асосӣ барои тарбияи шаҳрвандон ва ватандӯстони шоиста ин ташаккули сифати шаҳрвандӣ тавассути раванди таълим дар мактаб аст, ки ба ин мақсад бояд тамоми имкониятҳои ҳамаи фанҳои таҳлимӣ истифода бурда шавад.

Дар боби дуюм – «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» - модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ муайян карда шудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф бар он аст, ки дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ обрӯю эътибори оила ва таъсири он аз лиҳози давомияти замонии худ фарқ мекунад. Дар хона кӯдак наздики аз се ду ҳиссаи вақти худро мегузаронад. Дар хона ӯ бозӣ мекунад, мехонад, дарсҳоро тайёр мекунад, корҳои рӯзмарраи хонаро анҷом медиҳад, радиоро гӯш ва телевизорро тамошо мекунад, дар бораи таассурот, хурсандию андӯҳи худ ба наздиконаш нақл мекунад. Одатҳое, ки кӯдакон дар оила касб мекунанд, дар тамоми умр боқӣ мемонанд.

Қувваи тарбияи шаҳрванди тавассути худомӯзӣ дар оила аз ҳассосияти амиқи он иборат аст. Муносибат бо волидони дӯстдоштаю дӯстдоранда ҳамеша пурра эътимодбахш аст. Агар падар ва модар дар

тарбия ба хатогӣ роҳ надиҳанд, дили кӯдак ҳамеша барояшон боз аст. Ин имкон медиҳад, ки сари вақт рафтори ӯро ислоҳ кунанд, дар кӯдак хислатҳои мусбатро тарбия карда, зуҳуроти манфиро боздоранд.

Рисолаи илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад.

Барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуни кори таҳқиқотӣ баъзе андешаҳои хешро иброз медорам:

1. Хуб мешуд, аз корҳои илмии олимони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ наздиканд, истифода бурда мешуд.
2. Дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳрир ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии рисолаи илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» кам намекунад.

Хулоса, рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Коллеҷи омӯзгории ба
номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 904 40 66 90; E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Ш.

20. 08. 2024